ТАҚРИЗ

ба фишурдаи рисолаи номзадиӣ Тӯраева Гулорохон Бурҳоновна дар мавзӯи «Туғроии Исфаҳонӣ ва нақши ӯ дар ташаккули адабиёти арабизабони форсу тоҷики асрҳои XI-XII»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.14 — Филологияи плассикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ

Дар адабиётшиносии муосири тоҷик то кунун рӯзгору осори яке аз чеҳраҳои намоёни адабиёти арабизабони форсу тоҷик, ходими сиёсӣ, нависанда, олим ва муншии тавоно Туғроии Исфаҳонӣ мавриди омӯзишу баррасии ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Тадқиқи ҷомеи мавзӯъ, ки аз тарафи унвонҷӯ Г.Б. Тӯраева ба субут расидааст, барои кушодани нуктаҳо ва ҷанбаҳои асосии адабиёти арабизабони аҳди Салҷуқиён нақши муҳим дорад. Муҳаққиқ дар доираи рисолаи илмии хеш бар он кӯшидааст, ки мағзу моҳияти вазъи сиёсиву адабӣ ва маънавии адабиёти асрҳои XI-XII-ро дар заминаи афкори шахсиятҳои маъруфи замони зиндагии Туғроии Исфадонӣ, мулоҳизаҳои олимону муҳаққиқони асрҳои минбаъда, ҳосили андешаҳои мунаққидону адабпажӯҳони давраи нав баррасӣ намояд. Бо ин максад ӯ аз таълифоти адабиву илмии муҳаққиқони арабӣ, аврупоӣ, русӣ ва форсӣ баҳраманд гардида, бо сабку равиши хуби таҳқиқӣ, истиқлоли назар ва таҳлилу баррасиҳои амиқ барои илми тоҷик чеҳраи равшани Туғроии Исфаҳониро ба унвони зодаву парвардаи хоки Хуросони бузург бозтоб медиҳад.

Аз мундарицаи фишурда бармеояд, ки рисола аз муқаддима, се боб, фаслу зерфаслҳо, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Муаллиф дар муқаддима тавонистааст, ки аҳамияти омӯхтани мавзӯъро шарҳ дода, ҳамзамон огоҳмандии худро аз сайри таърихии тадқиқи он рӯнамо созад. Унвонҷӯ Г.Б. Тӯраева дар шинохти масъалаҳои мавриди назари хеш пешдастӣ нишон медиҳад ва аҳли илмро аз зарурати пажӯҳиши мавзӯъ бохабар месозад.

Соҳиби диссератсия дар боби аввал муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагинома ва асоситарин нуктаҳои эҷодиёти Туғроии Исфаҳониро мавриди тадқиқ қарор дода, ба ваҷҳи аҳсан аз ҳастии рӯҳониву ҷисмонии ин донишманди рӯзгорон иттилоъ медиҳад.

Дар боби дувум қимати адабии девони ашъори Туғроии Исфаҳонӣ ва қасидаи машҳури ӯ «Ломият-ул-Аҷам» баррасӣ шудааст. Таҳлилҳои дар ин қисмати рисола суратгирифта аз баландии арзиши тадқиқот ва дониши унвонҷӯ дарак медиҳанд.

Омӯзиши нусхаҳои хаттии девони Туғроии Исфаҳонӣ, таърихи нашри он, овардани баҳои муҳаққиқону муаллифони асрҳои миёна ба шеъри суханвар, инчунин бозгӯии таърихи интишори «Ломият-ул- Аҷам», руйи кор омадани шарҳҳо ба он ва равшан сохтани масоили дигар аз шумули корҳои дар ин боб анҷомпазируфта мебошанд.

Муаллифи рисола дар боби сеюм бо ҷуръати том ба омӯзиши ҷанбаҳои поэтикии назми Туғроии Исфаҳонӣ машғул шуда, ҳусни кори эҷодии адибро аз чанд ҷиҳат, монанди мавзӯоти шеърӣ, ҳунари шоирӣ, таъсири мутақобили назми арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ нишон медиҳад.

Аз муҳтавои ин бахши рисола аён мегардад, ки унвонҷӯ Г.Б. Тӯраева ба асли андешаҳову ҷустуҷӯҳои эҷодии суханварӣ мавриди назараш даст ёфта, арзиши мероси адабии ӯро беш аз дигарон бамаротиб фаҳм кардааст.

Баробари муваффаҷиятҳо дар фишурда норасоиҳо низ ба чашм мерасанд:

1.Дар фишурда теъдоди қасидаи Туғроии Исфадонӣ аз рӯйи ҳуруфи қофия муайян гардида бошад ҳам, вале барои тасдиқи ин маълумот ягон намунаи манзум оварда нашудааст.

2. Риоя нагардидани талаботи имлои забони тоҷикӣ аз шумори ғалатҳои ислоҳшавандаи фишурда мебошад, ки дар навишти номи манобеъ як – як ба мушодида мерасад (дар «Сарчашмаҳо», «Кутуби илмӣ ва соҳавӣ», саҳ.20-22).

Дар маҷмӯъ, рисолаи илмии Тӯраева Гулорохон Бурҳоновна «Туғроии Исфаҳонӣ ва нақши ӯ дар ташаккули адабиёти арабизабони форсу тоҷики асрҳои XI-XII» ба талаботи рисолаҳои номзадии Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.14 — Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ мебошад.

Н.и.ф. омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ — Аминҷонова Рухшона Ҳакимовна

Мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ — Ёқубова М.А.

ШӮЪБАИ КАДРҲО